# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ – Ғафуров А.М. ба рисолаи докторанти PhD Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи “Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Раши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) , доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо сабаби сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ чун дигар манотиқи ҷумҳурӣ навоҳии водии Рашт низ ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуданд. Дар муқоиса ба дигар манотиқи кишвар дар ин ҷо амалиётҳои ҷангӣ бевосита сурат мегирифтанд. Дар рафти амалиётҳои ҷангӣ, ки дар минтақа сурат гирифтанд, иқтисодиёти минтақа зарари калон дид. Сатҳи зиндагии мардум поён рафта, аҳолии зиёди минтақа муҳоҷири иҷборӣ шуданд ва моликияти онҳо ба коми оташ рафт ё аз ҷониби ашхоси ҷудогона ғорат шуданд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрванди ба ҳаёти фарҳангии навоҳии водии Рашт низ таъсири манфии худро расонид. Садҳо иншоотҳои фарҳангӣ хароб гардида таассуби динӣ дар ҷомеа боло рафт. Ин раванд ва шароити ногувори давр (ҷангу хунрезӣ, фишору зӯроварӣ ва ғ) ба зеҳну равони мардум, хосатан бе таъсир намонд. Маҳз чунин буд пайомади ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ барои сокинони Раштонзамин.

Барои дарки илмии равандҳо ва падидаҳои мусбию манфии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, таҳқиқи фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳо ва ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ниҳоят муҳим ва рӯзмара мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки мавзӯи интихобнамудаи Махсудов А.М. – ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021) натанҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Инчунин моҳияти барассии мавзӯъ дар он аст, ки имкон дорад сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва бахусус водии Рашт дар охири асри XX – аввали асри XXI муайян карда шавад.

Унвонҷӯ мақсади таҳқиқоти диссертатсионии худро аз омӯзиши ҳамаҷониба ва инъикоси мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, ҷамъбасти таҷрибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятии минтақа, ҷумҳурӣ ва инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳалли фаврии мушкилоти минтақа ва нишон додани ҷараёни татбиқи онҳо дар соҳаи иҷтимоӣ медонад.

Диссертатсияи Махсудов А.М. аз сарсухан ду бобу шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст. Муаллиф бо дарназардошти мақсади гузоштааст чунин масъалаҳоро таҳқиқ кардааст: - ошкор намудани заминаҳо ва сабабҳои бӯҳрони иқтисодиву иҷтимоии навоҳии водии Рашт дар солҳои аввали истиқлолият; омилҳои суст тараққӣ кардани саноат, мушкилот ва дурнамои он дар минтақа; раванди рушди соҳаи кишоварзии водии Рашт дар солҳои истиқлолият; шарҳи вазъ ва рушди минбаъдаи низом (система)-и тандурустӣ; зарурияти ислоҳоти мактабу маориф дар даврони истиқлолият, мушкилот ва монеаҳои соҳа; нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар боло бурдани маърифати аҳолӣ; баррасии имконоти сайёҳии водии Рашт, мушкилот ва дурнамои он.

Барои таҳқиқи воқеъбинона унвонҷӯй доираи васеи маводу ҳуҷҷатҳоро аз Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фондҳои 1483,1469,360), Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Бойгониҳои ҷории Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгониҳои ҷории Мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ дар ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Нӯробод, Сангвор, Лахш истифода намудааст. Маврид ба зикр аст, ки

бештари маводҳое, ки унвонҷӯй истифода кардааст, бори аввал таҳлил ва нашр мешаванд.

Инчунин дар таҳқиқи рисола муаллиф доираи васеи маҷмӯаҳои оморӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва адабиёти илмии марбут ба мавзӯи хешро воқеъбинона таҳлил ва баррасӣ кардааст.

**Навоварии илмии** кор дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурйи Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ, бо ҷалби доираи васеъи адабиёту сарчашмаҳои мӯътамад ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар ин замина, хулосаҳои дар мундариҷаи диссертатсия мавҷудбударо муаллиф бо назардошти самаранокии онҳо барои ҳалли мушкилоти иҷтимоии соҳа пешниҳод мекунад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии мазкур анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Афтореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд. Хулосаҳои таҳқиқоти анҷомшуда дар мақолаҳои илмии унвонҷӯй, ки бештарашон дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда чоп гардидаанд, инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, Махсудов А.М. аз ӯҳдаи таълифи рисолаи илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузоштаашударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи мазкур ба ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пурра мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи Низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳияи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих нисбат доранд, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи “Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар солҳои истиқлолият (1991-2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)ба ҳимояи озод тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои**
**таърих, дотсент, мудири шуъбаи**
**таърихи навтарини Институти**
**таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи**
**А. Дониши АМИТ** **Ғафуров А .М.**

**Имзои Ғафуров А.М.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори ШК** **Файзуллоева Г.**

23.12.2021